ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Директори Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон

д.и.ф.______________ Назар М.А.

"__30__" июни соли 2023

# ХУЛОСАИ

шӯъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзӯи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

Диссертатсия дар мавзӯи "Одатҳо дар муомилоти маданӣ" аз тарафи унвонҷӯ Анушервони Исрофил дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия шудааст.

Анушервони Исрофил соли 2011 дар шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2016 бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Анушервони И. барои таҳияи диссертатсия аз соли 2019 дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯ қабул гардидааст.

**Роҳбари илмиаш** – Раҳимзода Маҳмад Забир, узви вобаста Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ш. Душанбе.

Шӯъбаи ҳуқуқи хусусии Институт дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия оид ба мавзуи "Одатҳо дар муомилоти маданӣ" чунин хулоса қабул намуд:

Таҳқиқоти илмии Анушервони И. "Одатҳо дар муомилоти маданӣ" яке аз аввалин дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон таҳқиқоте мебошад, ки бахшида ба одатҳои муомилоти маданӣ гузаронида шудааст.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави бунёди низоми ҳуқуқии худ ворид шуд. Қонунгузории муосири мадании Тоҷикистон, ки ба анъанаҳо ва принсипҳои ҳуқуқи хусусӣ асос ёфтааст, ба танзимгари асосии пулию молиявӣ ва дигар муносибатҳои дар шароити иқтисоди бозорӣ инкишофёфта табдил меёбад. Пас аз қабули Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои

1999-2005 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои эътирофи одатҳои муомилоти маданӣ ва дигар одатҳо дар муомилот замина ба вуҷуд омад. Ҳамин тариқ, давлат имкон дод, ки меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ ба таври ғайримарказонидашуда берун аз раванди қонунгузорӣ ташаккул ёбанд.

Ҳуқуқи одатӣ дар таърихи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ яке аз меъёрҳои аввалин буда, масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва инкишофи он бисёрҷабҳа мебошад. Қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ саҳифаи наверо боз намуда, барои васеъ истифода бурдани одатҳо дар муомилоти маданӣ шароити мусоидро фароҳам овард. Дар КМ ҶТ меъёри махсус, инчунин меъёрҳои алоҳида низ пешбинӣ гардидаанд, ки онҳо дар оянда барои танзими муносибатҳои маданӣ ва ҳалли баҳсҳо аз аҳамият дур нестанд. Дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ ба монанди Қонуни ҶТ аз 18 марти соли 2015 «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ва эътирофи баъзе аз санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ бинобар ворид шудани Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) барои истифодаи одатҳо дар муомилоти маданӣ ҳидоят намуда, баъзе аз холигиҳои низоми ҳуқуқии Тоҷикистонро пурра гардонида бошанд ҳам, аммо на ҳама муносибатҳои бавуҷудоянда дар низоми ҳуқуқӣ танзими худро дидаанд.

Вобаста ба ин, бо Қонуни ҶТ аз 26 декабри соли 2011 таҳти рақами №776 ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, ки дар он яке аз вазифаҳои мурофиаи судии иқтисодӣ мусоидат намудан ба инкишофи муносибатҳои ҳамкорӣ ва одатҳои муомилоти корӣ муайян карда шуд. Аз меъёри мазкур бармеояд, ки Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои иқтисодии вилоятӣ ва суди иқтисодии шаҳри Душанбе ӯҳдадоранд, ки дар рафти мурофиаи судӣ ба тарафҳо оид ба мавҷуд будани одатҳои муомилоти маданӣ ва инкишоф додани одатҳои муомилоти корӣ мусоидат намоянд. Аммо аз қабули муқаррароти меъёри зикргардида, зиёда аз даҳ сол гузашта бошад ҳам, то ҳол аз ҷониби судҳои иқтисодӣ дар ин самт ягон амале гузаронида нашудааст. Зиёда аз ин, аз ҷониби олимони ватанӣ оид ба истифодаи одатҳо дар танзими муносибатҳои муомилоти маданӣ дар солҳои охир китобҳо, монографияҳо, васоити таълимӣ ва таҳқиқотҳои илмии мукаммал гузаронида нашудааст, ки ин мубрамияти интихоби мавзӯи таҳқиқотиро дучанд менамояд.

Илова бар ин, ҳангоми ҳалли баҳсҳои судӣ муносибатҳое ба назар мерасанд, ки онҳо танзими ҳуқуқии худро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ надидаанд, аммо судҳо бинобар мавҷуд набудани таҷрибаи ягонаи судӣ дар ин самт ва дар баъзе ҳолатҳо аз нарасидани дараҷаи тахассусӣ одатҳо ё ин ки одатҳои ҳуқуқиро дар ҳалли баҳсҳо истифода карда наметавонанд. Инчунин, оид ба истифодаи одатҳо ва одатҳои ҳуқуқӣ судҳои болои низ ба судяҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои судӣ дар марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ дастурҳои тавсиявӣ намедиҳанд. Зиёда аз ин, дар Тоҷикистон маҷмӯи ягонаи одатҳо ё одатҳои ҳуқуқие, ки

муносибатҳои маданиро ба танзим дароранд, дида намешавад, ки ин низ мушкилотеро ба миён меорад.

Бо мақсади рушди сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд, аз ҷумла, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 "Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 "Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 "Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028". Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида, барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва шуурнокии ҳуқуқӣ шаҳрвандон ва ҳуқуқтатбиққунандагон равона карда шудаанд.

Тоҷикистон яке аз давлатҳое, мебошад, ки бо қабул қонуни миллии худ одатҳоро ба одатҳои ҳуқуқӣ табдил дода, онҳоро аз вайроншавӣ ва маҳшавӣ ҳифз намудааст. Ҳоло дар Тоҷикистон одатҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки онҳо ба як низом дароварда нашуда, иштирокчиёни субъектони муомилоти маданӣ пеш аз ҳама соҳибкорон ва тоҷирон аз мавҷудият ва истифодаи он бебаҳра монданд. Аз ин лиҳоз, такмил додани қонунгузории ҶТ бо истифода аз қоидаи одатҳо ба ҳифзи арзишҳои миллӣ низ кӯмак мерасонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросими динӣ аз 24 майи соли 2007 зикр намудаанд, ки «...мо имрӯз барои тамоман аз байн бурдан ё барҳам додани расму оинҳои халқӣ ва маросими динӣ ҷамъ наомадаем, балки мақсади асосиамон ин аст, ки дар баробари муайян кардани меъёрҳои баргузории онҳо ба раҳоии мардуми кишвар аз банди худнамоӣ ва таассубу хурофотпарастӣ оғози нек бахшем». Пас аз суханронии мазкур ва бо ташабусси бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва баъди муҳокимаронихо ва пешниҳодҳои шаҳрвандон 8 июни соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.

Таҷрибаи даҳсолаи соли амали Қонуни мазкур нишон дод, ки он барои ба низом даровардани анъана, маросиму ҷашнҳои миллию динӣ, инчунин дигар суннатҳои мардумӣ нақши барҷаста гузошт. Санади мазкур барои ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ асос гузошта, суннатҳои диниву мардумиро ба танзим даровард, анъана ва маросиму ҷашнҳои миллиро мушаххасу дақиқ намуда, пеши роҳи хурофоту таассуб, худнамоиву зоҳирпарастӣ ва исрофкориву зиёдаравиро гирифт ва ба

ҷорӣ гардидани низому тартиботи ягонаи баргузории чорабиниҳои милливу мардумӣ роҳ кушод». Дар ҳақиқат баъд аз қабули қонуни миллӣ дар самти танзими анъана ва ҷашну маросим ба танзим даровардa шуданд. Аммо барои истифодаи дигар одатҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ чораҳои мусоидаткунандаи дахлдор андешида намешавад.

Асосҳои зикргардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки истифодаи одатҳо ва ё иҷозати онҳо аз ҷониби давлат дар муомилоти маданӣ як зумра проблемаҳоеро ба миён овардаанд. Агар ин аз як тараф аз ҷиҳати назариявӣ мавҷуд набудани таҳқиқотҳои назариявӣ илмӣ бошанд, аз тарафи дигар паст будани шуури ҳуқуқии ҳуқуқтатбиққунандагон ва иштирокчиёни муомилоти маданӣ мебошад.

Аз ин рӯ, таҳлил ва омӯзиши одатҳо дар муомилоти маданӣ ва муайян намудани нақши он дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи гузаронидани таҳқиқоти мазкур ва мубрамияти онро ташкил медиҳад.

Дар натиҷаи омӯзиши муқаррароти санадҳои ҳуқуқии дохилӣ ва байналмилалӣ, қонунгузории амалкунанда ва амалияи ҳуқуқӣ **муқаррар карда шудааст**, ки ҷамъбасти аломатҳои одатҳои ҳуқуқи маданӣ ба мо имкон медиҳад, эътироф намоем, ки он маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ мувофиқат мекунанд, ки дар як соҳаи муайяни фаъолияти инсон, гурӯҳи иҷтимоӣ ё ҷомеа дар натиҷаи такрори якхела ташаккул ёфтаанд, ки шаклҳои муайяни рафтори барои онҳо ҳатмӣ ва бо маҷбуркунии иҷтимоӣ таъмингардида мебошад. Онҳо барои танзими муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқи маданӣ мувофиқи иҷозат ва тартиби муқаррарнамудаи қонун истифода мешаванд.

Дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти дисертатсионӣ дар асоси усулҳои умумии илмӣ ва алоҳида **муайян карда шудааст**, ки одатҳо дар фарқият ба дигар меъёру ҳуқуқҳои иҷтимоӣ шакли хаттиро талаб намекунад, яъне, ифодаи зоҳирии он - ин қоидаҳои муқаррарии рафтори доираи шахсони номуайян мебошад, ки муносибатҳои ногусастанӣ доранд, ки амали иштирокчиёни муомилоти маданиро танзим мекунанд.

**Ба ақидаи муаллиф** одатҳои муомилоти маданиро аз лиҳози назариявию амалӣ ба таври зайл тасниф кардан мумкин аст: - аз рӯи сабти ҳуҷҷатӣ; - аз рӯи ҳудуди татбиқнамоӣ ва амалкунӣ; - аз рӯи шакли ифода дар меъёрҳои ҳуқуқӣ.

Бо ин асосҳо муаллиф қайд менамояд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми одатҳои муомилоти корӣ вуҷуд надорад. Тибқи мафҳуми ҳуқуқии одатҳои муомилоти корӣ, ки дар қисми 1 моддаи 5 КМ ҶТ оварда шудааст, онро сарфи назар аз он ки дар ягон ҳуҷҷат ба қайд гирифта шудааст ё не, истифода бурдан мумкин аст. Муаллиф дар асоси бақайдгирии онҳо дар ҳуҷҷатҳо, одатҳои муомилоти маданиро аз одатҳои дар ҳуҷҷат сабтшуда ва ба қайд гирифтанашуда фарқ мекунад. Одатҳои муомилоти мадание, ки дар ҳуҷҷатҳо тартиб дода шудаанд, аз ҷониби муҳаққиқ ҳамчун одатҳои муомилоти маданӣ,

ки дар ҳуҷҷатҳо инъикос ёфтаанд ва одатҳои муомилоти маданӣ, ки дар ҳуҷҷатҳо қайд нашудаанд - одатҳои муомилоти маданӣ, ки мазмуни онҳо дар ҳуҷҷат қайд карда нашудааст, ҳисоб мекунанд. Ба андешаи муаллиф, тасниф намудани одатҳои муомилоти маданиро аз рӯи ба қайд гирифтани онҳо дар ҳуҷҷатҳо зарур аст.

Ба андешаи муҳаққиқ, инчунин таснифи одатҳои муомилоти маданӣ аз рӯи доираи татбиқи онҳо (ҳудуд) ва шакли ифодаи онҳо дар меъёрҳои ҳуқуқӣ муҳим мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки таснифоти одатҳо имкон медиҳад, ки одатҳо аз рӯи аломатҳои муайян тақсим карда шаванд. Таснифоти одатҳо имкон медиҳад, ки ҳангоми ҳалли баҳсҳои вобаста ба истифодаи одатҳои ҳуқуқии маданӣ ин меъёрҳоро оқилона истифода намуд.

Дар доираи тадқиқоти гузаронидашуда аз ҷониби муаллиф **муайян карда шудааст**, ки одатҳо муаллифи мушаххас надоранд ва маҳсули фаъолияти дастҷамъона мебошанд. Офарандагони ҳуқуқи одатӣ, яъне, одамоне, ки дар ҳудуди муайян зиндагӣ мекунанд ва рафтори онҳо одатҳоеро ташкил медиҳад, ки онҳо бояд ҳамчун субъектҳои муомилоти мадание, ки ба онҳо тааллуқ доранд, баромад кунанд.

Дар таҳқиқоти мазкур **исбот шудааст**, ки истифодаи одатҳои дар меъёрҳои қонунгузории мадании ҶТ пешбинигардида наметавонад ҳамчун шакли татбиқи меъёри ҳуқуқи одатӣ эътироф карда шавад, зеро қонунгузор ба одате ишора мекунад, ки ниҳоят бояд риоя шавад, шакли одатии худро гум карда, ба меъёри қонун табдил меёбад. Дар мавридҳое, ки қонун имконияти абстрактии истифодаи одатро дар муносибатҳои молумулкӣ бе нишон додани меъёрҳои мушаххаси одатҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ кардааст (моддаи 5-и КМ ҶТ), пешакӣ маълум нест, ки кадом меъёр дар байни дигар қоидаҳо иҷозат дода мешавад, ки дар амал пешбинӣ шудаанд. Далели он, ки одат бо эътирофи суд ба меъёри ҳуқуқ табдил меёбад, ҳуқуқтатбиққунанда ҳуқуқ эҷод мекунад ва дар амал қоидаҳои рафтори дорои хусусияти ҳуқуқидоштаро татбиқ намекунад. Дар ин ҳолат амсоли судӣ унсурҳои одатро пурра ба худ мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин яке аз аввалин таҳқиқот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба масъала ва проблемаҳои одатҳои ҳуқуқии муомилоти маданӣ бахшида шудааст. Рисолаи мазкур таҳқиқи ҳаматарафаи одатҳои муомилоти маданӣ буда, асосан ба муомилоти молу мулкӣ нигаронида шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ хусусиятҳои асосии одатҳои маданӣ муайян карда шуда, роҳҳои ифодаи ҳуқуқи одатӣ тасниф карда шуда, оид ба муносибати одатҳои маданӣ бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ, инчунин бо муқаррароти қонун андешаҳои нав ифода ёфтааст. Оид ба такмили конунгузории ҶТ пешниҳодҳо манзур карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал масъалаҳои одатҳо дар муомилоти маданӣ ба таври муфассал таҳлил ва таҳқиқ карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ба даст оварда шудаанд, дар таҳқиқоти

минбаъдаи масъалаҳои истифодаи одатҳо дар муомилоти маданӣ истифода бурда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия баён шудаанд, ба ташаккул ва рушди институти одатҳо дар ҶТ равона шудаанд.

**Ақидаҳои ифодашуда**, тавсияҳо ва таклифҳои дар таҳқиқот манзургардида аз ҷониби диссертант пешниҳод гардида, оид ба баланд бардоштани нақши ҳуқуқии одатӣ, танзим ва ҳалли муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ метавонанд дар қонунгузорӣ ва амалия истифода шаванд. Инчунин мавод, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд дар таълими назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва иқтисодӣ, инчунин дар муассисаҳои усулҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо, аз қабили судҳои ҳакамӣ ва муҳокимаи арбитражӣ, ҳангоми омодаи рисолаҳо, монографияҳо ва дастурҳои илмӣ, дипломӣ, магистрӣ, корҳои курсӣ оид ба мавзӯи зикршуда, истифода шаванд.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти бадастовардаи муаллиф** аз он далолат медиҳанд, ки натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили объективона ва ҳамаҷонибаи таҳқиқоти назариявию амалӣ, ки бо паҳлӯҳои гуногуни одатҳо дар муомилоти маданӣ, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм қабулгардида, муайян намудани он, таҳияи афкору тавсияҳои назариявию амалии рисоланавис, навоварии илмӣ ва тавсияҳо, таҳлили қонунгузории миллӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи одатҳо дар муомилоти маданӣ алоқаманд аст, асос меёбад.

Дар рафти таҳқиқот дар рисола чунин ақида ташаккул ёфтааст, ки одатҳои ҳуқуқӣ дар муомилоти ҳуқуқи маданӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар соҳаи муайяни фаъолияти инсон, гурӯҳи иҷтимоӣ ё ҷойе, ки дар натиҷаи такрори якчандкаратаи шаклҳои муайяни рафтор хусусияти ҳатмӣ пайдо намуда, бояд бо маҷбуркунии оммавӣ ва барои танзими муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқии маданӣ тибқи иҷозат ва тартиби муқаррарнамудаи давлат истифода мешаванд.

Дарки мукаммал дар бораи хусусиятҳои татбиқи одатҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ саҳмгузорӣ ба рушди ҳуқуқҳои маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Муайян карда шудааст, ки** аз қабили усулҳои диалектикӣ, эмпирикӣ ва мантиқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ масъалаҳои пайдоиш ва инкишофи одатҳо дар муомилоти маданӣ дар давраи инкишофи давлати тоҷикон, инчунин хусусиятҳои одатҳо ва татбиқи он дар ҳаёти халқҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Бо усулҳои мазкур дар бораи истифодаи одатҳо дар маҳал ё гурӯҳи одамон маълумоти боэътимод ба даст оварда шуда, одатҳо ҳамчун меъёри иҷтимоии баррасӣ карда мешаванд, ки ба танзими муносибатҳои муайяни муомилоти маданӣ равона шудааст.

Бо усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аҳамияти одатҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии хориҷӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Усули таърихию ҳуқуқӣ имкон додааст, ки пайдоиш ва ташаккули одатҳо дар муомилоти маданӣ дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистони таърихӣ омӯхта шавад.

**Муаллиф** низоми мафҳумҳо ва ақидаҳо дар бораи категорияи одатҳои муомилоти маданиро таҳия ва коркард намудааст.

**Пешниҳод шудааст, ки** тавсияҳои амалӣ оид ба рушд ва татбиқи одатҳои муомилоти маданӣ дар баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолияти судҳо ҳамчун дастур ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

Маводи рисоларо инчунин метавон дар ҷараёни таълими курси «Ҳуқуқи маданӣ», таҳияи маводҳои таълимӣ ва тавсияҳои методӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҳангоми нашри маҷмӯаҳое, ки одатҳои муомилоти маданиро ҷамъоварӣ мекунанд, истифода бурд.

**Назария** дар асоси муқаррарот ва хулосаҳои мукаммали илмӣ, ки дар адабиёти илмӣ, қонунгузорӣ ва амалияи давлатҳои гуногун ва Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ паҳн гардидаанд, асоснок карда шудааст.

**Ғояи мазкур ба натиҷаҳои** аз ҷониби умум эътирофшудаи илмӣ, маводи таърихию ҳуқуқӣ, маводҳои таҷрибаи судӣ, қонунгузорӣ ва амсолияи судӣ асос ёфтааст.

Масоили одатҳо дар муомилоти маданӣ ҳамеша мубрам буда, ҷанбаҳои алоҳидаи ӯ аз ҷониби намояндагони гуногуни илм, дин ва институтҳои иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Дар чунин сарчашмаҳои динӣ ба монанди Авасто, Қуръони Карим, Мухтасар ва ҳадисҳо ҷанбаҳои иҷтимоии одатҳо ба таври пурра инъикос гардидааст. Ҳамзамон, дар рисола асарҳои ҳуқуқшиносони маъруфи олмонӣ, намояндагони мактаби таърихии ҳуқуқшиносӣ Ҳюго Г., Савин К.Ф., Пухта Г.Ф., олимони шӯравӣ, русия, хориҷӣ ва ватанӣ Давид Р., Мейер Д.И., Чиркин В.В., Зикин И.С., Новитский И.Б., Леонтович В.И., Шершеневич Г.Ф., Мекка О., Штиков Н., Селюков Ф.Т., Усмонов О.У., Тоҳиров Ф.Т., Муллоев М., Ойгензихт В.А., Менглиев Ш.М., Тағойназаров Ш.Т., Раҳимзода М.З., Маҳмудзода М.А., Шарофзода Р.Ш., Яқубов Ю., Бобоҷонзода И.Ҳ., Холиқзода А.Ғ., Ғаюрзода Ш.К., Қурбанов Қ.Ш., Золотухин А.В., Сангинзода Д.Ш., Камолзода И.И. ва ғайраҳо ба таври васеъ истифода карда шудаанд.

**Саҳми шахсии муаллифи** рисола бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ карда мешавад. Дар баробари ин, услуби навиштан, ҳалли масъалаҳо ва услуби рисола саҳми шахсии муаллифи рисоларо инъикос менамояд.

Муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар рафти таҳқиқоти илмӣ таҳия шудаанд, дар 7 васоити таълимӣ, 15 мақолаҳои илмӣ инъикос ёфтаанд, ки 7-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Аз ҷумла:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1–М].** Анушервони И. Одатҳои муомилоти гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / И. Анушервони // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқӣ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2018. - №3 (27). – С. 87-90. ISSN 2305-0535.

**[2–М].** Анушервони И. Обычаи в гражданском обороте: постановка проблемы. [Текст] / И. Анушервони // Журнал «Правовая жизнь» Юридический факультет Таджикского национального университета. – 2018. – №4 (24) – С. 260-271. ISSN 2307 – 5198.

**[3–М].** Анушервони И. Правовая природа и понятие обычаев в современном гражданском обороте. [Текст] / И. Анушервони // Журнал «Правовая жизнь» Юридический факультет Таджикского национального университета. – 2019. – №1 (26) – С. 188-203. ISSN 2307 – 5198.

**[4–М].** Анушервони И. Правовая система Республики Таджикистан в годы государственной независимости. [Текст] / И. Анушервони, И.Х. Бободжонзода // Журнал «Правовая жизнь» Юридический факультет Таджикского национального университета. – 2019. №1 (27). – С. 21-39. ISSN 2307 – 5198.

**[5–М].** Анушервони И. Роль обычаев в регулировании имущественных отношений. [Текст] / И. Анушервони // Научно-информационный журнал «Правовая жизнь» Юридический факультет Таджикского национального университета. – 2020. – №2 (30). – С. 236-246. ISSN 2307 – 5198.

**[6–М].** Анушервони И., Нуров Х.П. Историко – правовые основы развития правоотношений в сфере научно-технической деятельности в современном Таджикистане. [Текст] / И. Анушервони, Х.П. Нуров // Журнал «Законодательства» Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан – 2018. –№3 (31). – С. 26-30. ISSN 2410-2903.

**[7–М].** Анушервони И. Проблемаи татбиқи одатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ: таҳлили назариявӣ ҳуқуқӣ. [Матн] / И. Анушервони М.З. Раҳимзода, // Маҷалаи илмӣ-амалӣ Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №4 (28). – С.123-137. ISSN 2414 9217.

**II. Васоити таълимӣ:**

**[8–М].** Анушервони И., Раҳимзода М.З., Маҳмадшоев Ф.А., Нуров Ҳ.П., Ромиз Ҷ., Саидзода М.Ш., Ҳамроқулзода Б.А. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳоҷират” [Матн] / И. Анушервони, М.З. Раҳимзода, Ф.А., Маҳмадшоев, Ҳ.П. Нуров, Ҷ. Ромиз, М.Ш. Саидзода, Б.А. Ҳамроқулзода. Зери таҳрири Узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, Раҳимзода Маҳмад Забир.- Душанбе: МДМТ. – 2017. – С.65-79, 97-98. ISBN 978-99975-985-5-4.

**[9–М].** Анушервони И., Бобоҷонзода И.Ҳ. Саидзода М.Ш., Ҳамроқулзода Б.А. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак” [Матн] / И. Анушервони, И.Ҳ. Бобоҷонзода, М.Ш. Саидзода, Б.А. Ҳамроқулзода. Зери таҳрири Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳммад Шоҳиён, - Душанбе: ЭР-граф. – 300 саҳ. ISBN 978-99975-50-70-5

**[10–М].** Анушервони И., Маҳмадшозода Ф.А., Исмоилова М.И., Назаров Д.Д., Меликов У.А., Зарифов У. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» [Матн] / И. Анушервони, Ф.А. Маҳмадшозода, М.И. Исмоилова, Д.Д. Назаров, У.А. Меликов, У.Зарифов. Зери назари Муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Маҳмадшозода Ф.– Душанбе: ЭР-граф. – 2020. – С.67–77, 125-146. ISBN 978-99975-50-70-5.

**[11–М].** Анушервони И., Саидзода И.Ҳ., Баҳриддинзода С. Э., Маҳмадшозода Ф. А., Бобокалонов Ғ. М., Пулатов А. С., Табаров Н., Мансурӣ Ш. ва дигарон. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» [Матн] // И. Анушервони, Ф.А. Маҳмадшозода, М.И. Исмоилова, Д.Д. Назаров, У.А. Меликов, У.Зарифов. Зери назари таҳрири Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: МДМТ – 2021. – С. 18-25. ISBN 978-99975-985-5-4.

**[12–М].** Анушервони И., Саидзода И.Ҳ., Баҳриддинзода С. Э., Маҳмадшозода Ф. А., Бобокалонов Ғ. М., Пулатов А. С., Табаров Н., Мансурӣ Ш. ва дигарон. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» [Матн] / И. Анушервони, И.Ҳ. Саидзода, С.Э.Баҳриддинзода, Ф.А. Маҳмадшозода, Ғ.М. Бобокалонов, А.С.Пулатов, Н. Табаров, Ш.Мансурӣ. Зери таҳрири Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент Саидзода Иззатулло Ҳабибулло. – Душанбе: ЭР-граф. – 2019. – С. 81-86. ISBN 978-99975-50-70-5.

## III. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳо чоп шудаанд:

**[13–М].** Анушервони И. Нуров Ҳ.П. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории соҳаи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории меҳнати давлатҳои аъзои ИДМ. [Матн] / И. Анушервони, Ҳ.П. Нуров // Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – №2 (26). – С. 101-116. ISSN 2410-2903.

**[14–М].** Анушервони И. Бободжонзода И.Х., Государственная независимость Таджикистана и национальное право. [Текст] / И.

Анушервони, И.Х. Бободжонзода // Мир политики и социологии. – Санкт-Петербург. – 2018. – №9-10 С.110-129. ISSN 22218-7499.

**[15–М].** Анушервони И, Нуров Ҳ.П., Ёров А.А., Проблемы наследственного права в Республике Таджикистан [Текст] / И. Анушервони, Ҳ.П. Нуров, А.А. Ёров // Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018. – №1 (29). – С. 38-54. ISSN 2410-2903.

**[16–М].** Анушервони И. Проблемаи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон (сайёҳ) дар хизматрасонии сайёҳӣ. Нақши Ваҳдати миллӣ дар пешрафти давлатдорӣ ва инкишофӣ қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Маҷмӯи мақолаҳои конференция бахшида ба 21-солагии Ваҳдати миллӣ, соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ). [Матн] / И. Анушервони / Таҳти назари директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Идизода Ф. Ф. – Душанбе: Нашриёти “Сино”. – 2018. – 186 саҳ. – С. 118-122. ISBN 978-99975-985-5-4.

**[17–М].** Анушервони И. Проблемы применения обычаев в гражданском обороте. Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы VII международной научно-практической конференции, посвященной 25- летию Конституции Республики Таджикистан – Душанбе: РТСУ. – 2019.– 630 с. – С. 230-235. УДК 340.

**[18–М].** Анушервони И., Шамсиддинзода И.Б. Ҳуқуқи кӯдак ба изҳори фикри худ [Матн] / И. Анушервони, И.Б. Шамсиддинзода // Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №4 (40). – С. 48-52. ISSN 2410-2903.

**[19–М].** Анушервони И. Бобоҷонзода И.Ҳ., Одатҳо ҳамчун шакли ҳуқуқ: таҳлили назариявӣ ҳуқуқӣ. [Матн] / И. Анушервони, И.Ҳ. Бобоҷонзода // Асосҳои назариявӣ-меъёрии татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (монография) / Коллективи муаллифон; зери таҳрири д.и.ҳ., профессор И.Ҳ. Бобоҷонзода ва д.и.ҳ., профессор А.Р. Нематов. – Душанбе: МН «Дониш», 2023. – 380 с.

**[20–М].** Анушервони И. Проблемаҳои эътирофи одатҳо хамчун шакли ҳуқуқ дар фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ. [Матн] / И. Анушервони, И.Ҳ. Бобоҷонзода // Асосҳои назариявӣ-меъёрии татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (монография) / Коллективи муаллифон; зери таҳрири д.и.ҳ., профессор И.Ҳ. Бобоҷонзода ва д.и.ҳ., профессор А.Р. Нематов. –Душанбе: МН «Дониш», 2023. – 380 с.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот инчунин дар конференсияҳои зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

– Конфронси илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши ваҳдати миллӣ дар рушди давлатдорӣ ва рушди қонунгузорӣ дар ҷумҳурӣ». - маърӯза дар мавзуи: «Одатҳои муомилоти маданӣ дар Ҷумҳурии Точикистон». ш. Душанбе, 2018;

– Конференсияи VII байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Низоми миллии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ: таҳлили тамоюл ва дурнамои рушд», бахшида ба 25-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - маърӯза дар мавзуи «Нақши одатҳо дар танзими муносибатҳои молумулкӣ». ш. Душанбе, 2020;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 25-умин солгарди Ваҳдати миллӣ дар мавзӯи «Самаранокии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ». – маърӯза дар мавзӯи "Масъалаҳои назариявии татбиқӣ одатҳо ҳангоми танзими мувофиқати шаҳрвандон", Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ш. Душанбе, 2022;

– -Конференсияи III -юми байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ". – маърӯза дар мавзӯи: «Проблемаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ таносуби одатҳо бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ». ш. Душанбе, 2023.

– Конференсияи II-юми илми-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба рӯзи илми тоҷик дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон». – маърӯза дар мавзӯи: «Нақши одатҳои муомилоти маданӣ дар танзими муносибатҳои байналмилалии савдоӣ». ш. Душанбе, 2023.

Мақолаҳои интишорнамудаи унвонҷӯ дар умум тамоми ҷанбаҳои таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро доир ба мавзӯи одатҳо дар муомилоти маданӣ гузаронидашударо дар бар мегиранд.

**Ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии Анушервони Исрофил дар мавзӯи "Одатҳо дар момилоти маданӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33 -35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дигар соҳаҳои ҳуқуқ аҳамият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди муносибатҳои одатҳои муомилоти маданӣ дар кишвар мубрам мебошад.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия дар раванди таълими ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории муосир дар Тоҷикистон, дар дигар соҳаҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва фаъолияти мақомотҳои ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиқкунанда ва навиштани диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии

муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд.

Ҳамин тариқ, Анушервони Исрофил дар мавзӯи «Одатҳо дар момилоти маданӣ» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ мебошад.

Дар заминаи гуфтаҳои болозикр, шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **қарор кард:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯи дараҷаи илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Анушервони Исрофил дар мавзӯи «Одатҳо дар момилоти маданӣ» кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ба талаботи муқарраргардида пурра ҷавобгӯ ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ сазовор аст.

2. Диссертатсияи унвонҷӯи дараҷаи илмӣ Анушервони Исрофил дар мавзӯи «Одатҳо дар момилоти маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ тавсия карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Ба овоз монда мешавад: "тарафдор 6 нафар", "зид нест", "бетараф нест", хулоса якдилона қабул карда шуд. Асос: протоколи ҷаласа № 5 аз 30 июни соли 2023 мебошад.

Раисикунанда:
Мудири шуъбаи ҳуқуқи хусусии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ А. Абдуҷалилов

Котиби ҷаласа:
Лаборанти калони шуъбаи ҳуқуқи хусусии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон К. Раҳимова

Имзои Абдуҷалилов ва Раҳимоваро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои ИФСҲ АМИТ
30. июни. 2023
Х.Шозедов